**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ)**

Яке аз вазифаҳои калидии илми адабиётшиносии муосир омӯхтани зиндагинома ва фаъолияти эҷодии намояндагони илму адаби гузаштаи мо мебошад. Дар таърихи адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ садҳо шоир ҳаёт ба сар бурдаанд, ки гарчанд бо осори баландарзишаш гӯшае аз таърихи илму адабро зинат додаанд, аммо осорашон то ҳанӯз ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудааст. Махсусан дар бораи намояндагони илму адаби нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба ҷуз иттилооти библиографӣ тадкиқоти ҷиддии илмӣ бисёр кам ба сомон расидааст.

Рисолаи диссертатсионии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX” яке аз мавзуъҳои таҳқиқталаби давраи зикршуда маҳсуб меёбад.

Аз фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки кор аз муқаддима, се боб, нӯҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, дар қисмати **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии муаллифи диссертатсия мушаххас шудаанд. Ҳамчунин, сарчашмашиносӣ ва методологияи пажуҳиш, арзишҳои назариву амалӣ, навгониҳои илмӣ ва масъалаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда шарҳу тафсир ёфта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия - «**Рӯзгор ва осори Мирзо Ҳайити Саҳбо**» аз ду фасл иборат буда, дар фасли якум дар бораи авзои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва муҳити адабию фарҳангии замони шоир маълумот дода шуда, омилҳои таъсиргузор ба ҳаёту фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо муайян гардидастанд. Маҳз ҳамин таъсирҳо боиси ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии шоир, муносибати ӯ ба муҳит гардида, андешаҳои озодихоҳиаш оқибатуламр ба аз даст додани ҷонаш низ гардиданд.

Дар фасли дуюми боби аввал муаллифи диссертатсия мероси адабии бозмондаи шоирро ба риштаи таҳқиқ кашида, бо такя ба методи муқоисавӣ таҳқиқотҳое, ки пеш аз ин кор ба баррасии эҷодиёти шоир бахшида шудаанд, таҳлил мегарданд ва ба ҳунари шоирии Мирзо Ҳайити Саҳбо баҳои сазовор дода мешавад. Муаллиф махсусан ба таҷрибаҳои ҳунарии шоир дар навъҳои гуногуни шеърӣ диққати хосса дода, сохтору муҳтавои девони ӯро тавсиф

мекунад. Ҳамчунин жанрҳои асосии девони шоир муайян ва дар ғазалсароӣ давомдиҳандаи анъанаҳои гузаштагон будани Мирзо Ҳайити Саҳбо бо мисолҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «**Мушаххасоти анвои шеъри Саҳбо**» унвон дошта, муаллиф онро ба се фасл тақсимбандӣ кардааст. Дар фасли якум муаллиф мазмуну муҳтаво ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти шоирро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад ва дар бораи мавқеи назаррас доштани жанри ғазал дар осори шоир, дар бораи падидаҳои ҳунарии сабкҳои ироқиву ҳиндӣ дар ғазалҳои ӯ, ҳунармандии шоир дар офаридани ғазал ва вижагиҳои хоссаи ғазалофаринии ӯ изҳори назар намудааст. Бо такя ба вижагиҳои назарраси мухаммасоти Мирзо Ҳайити Саҳбо фасли алоҳидаи боби дувум ба мухаммасоти Саҳбо ва хусусиятҳои онҳо ихтисос дода шуда, дар бораи умумиятҳову тафовутҳои мавзуиву шаклии ин жанр дар эҷодиёти шоир таҳқиқ шудаанд. Диссертант дар фасли сеюми боби дувум хусусиятҳои мундариҷавии қасоиди Саҳборо таҳлил менамояд. Дар ин қисмат муаллиф махсусан ба сохтори қасоиди шоир, навъҳои қасида дар осори ӯ, мазмуну муҳтавои қасидаҳои шоир андешаронӣ намуда, дар бораи дигар навъҳои шеърии девони шоир, аз қабили қитъа, фард, мусаддас ва мавзуъҳои онҳо маълумот пешниҳод менамояд.

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо**» номгузорӣ шудааст. Муаллиф ин бобро ба чаҳор фасл тақсим мекунад. Дар фасли аввал ҳунари шоирӣ ва сабку шеваи баёни Саҳбо дар ғазалҳояш тавсиф ёфта, дар баробари дигар навовариҳои Саҳбо ҷойгоҳи хоссаи шоир чун идомадиҳандаи суннатҳои ҳунарии сабки ҳиндӣ таъкид гардидааст. Фасли дуюми ин боб ба таҳлили хусусиятҳои бадеии ашъори шоир бахшида шуда, муаллиф таъкид месозад, ки дар осори шоир санъатҳои маънавию лафзӣ нақши барҷаста дошта, санъатҳои ташбеҳ, истиора, таҷнис, талмеҳ, тамсил, суолу ҷавоб, тазод, муболиға, саҷъ фаровон ва ҳунармандона истифода гардидаанд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ғазалҳои Саҳбо ба лаҳни назми шифоҳӣ наздик буда, истифодаи вожаву ибораҳо ва таркибу ифодаҳои халқӣ шевоиву равонии ашъори шоирро таъмин месозанд.

Муаллиф дар бахши ҷудогона ба баррасии вижагиҳои вазни ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо пардохта, дар кадом баҳрҳо бештар шеър офаридани шоир ва махсусиятҳои поэтикии ашъори ӯро муайян намудааст. Ҳунари интихоби вазнҳои шӯху ҷаззоби арӯзи классикӣ боиси маҳбубияти бештар пайдо кардани ашъори шоир дар ин фасл алоҳида ба таъкид гирифта шудааст. Фасли охирони боби сеюм ба таҳлилу таҳқиқи мавзуи қофияву радиф, хусусиятҳо ва нақши қофияву радиф дар ғазалиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо ва ҳунари истифодаи шоир аз қофияву радиф бахшида шудааст. Муаллиф муфассал дар бораи хусусиятҳои назарраси қофиябандии шоир ва нақши радиф чун унсури муҳимми шеърӣ дар ашъори Саҳбо маълумот додааст.

Дар қисмати хотимавии автореферат хулосаҳои пажӯҳишии муаллиф дар 18 банд ҷамъбаст шудастанд ва бояд қазоват намуд, ки ин хулосаҳо илмӣ асоснок шуда, мавқеъ ва мақоми Мирзо Ҳайити Саҳборо дар таърихи адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX муайян намудаанд.

Новобаста аз он ки автореферати диссертатсия ба ҳама талаботи сохториву илмӣ ҷавобгӯ мебошад, барои баланд бардоштани сифати кор лозим мешуморем, то диссертант ба чанд эроди зер таваҷҷуҳ намояд:

1. Ҳарчанд аз рӯи унвони диссертатсия чунин ба назар мерасад, ки муаллиф мебоист мақоми Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти тоҷикии асрҳои XIX ва ибтидои асри XX-ро муайян намояд, аммо дар автореферат дар бораи мақом ва шуҳрати шоир ба таври хулосавӣ чизе гуфта нашудааст.
2. Барои муайян намудани мақоми шоир дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои XIX-XX бояд аз таҳқиқотҳои донишмандони тоҷик, чун Мирзоев А., Мирзозода Х., Садриев С., Каримов У. ва ғ., ки корҳояшон ба ҳамин давраи омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ихтисос ёфтаанд, истифода мешуд.
3. Дар автореферат муаллиф аз истилоҳи “саҳбошиносӣ” истифода намудааст (саҳ.7). Ба фикри инҷониб, пеш аз истифодаи ин истилоҳ бояд корҳое фаровоне дар омӯзишу таҳқиқи эҷодиёту осори шоир таълиф мешуданд ва як ҷараёни алоҳида дар илми адабиётшиносӣ бо ин ном пайдо мешуд. Бо ба назар гирифтани ҳамаи муваффақиятҳо дар баррасии зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо ва муайян намудани дигар мушкилоти ноҳалли омӯзиши ин масъала заминае барои ворид кардани истилоҳи “саҳбошиносӣ” фароҳам меоварад.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дуюмдараҷа доранд ва бар мазмун ва мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд. Дар маҷмуъ, автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст ва кори илмии анҷомрасида ҳисоб мешавад.

Мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дониста шавад.

**Доктори илми филология,**
**Директори Институти илмҳои**
**гуманитарии ба номи академик**
**Б.Искандарови АМИТ** **Қаландариён Ҳоким Сафар**

«05» апрели соли 2024

Суроға: 736001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Деҳотӣ 80, х.23
Тел.: +992 934892626
E-mail: hokim_k@mail.ru

Имзои доктори илми филология
Қаландариён Ҳоким Сафарро
тасдиқ мекунам

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ИИГ АМИТ** **Наврӯзова Ҳусния Ширинҷоновна**

«05» апрели соли 2024
Суроға: 736001, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров, 4
тел: +992 935261982
E-mail: husniya.navruzova@mail.ru